УДК 336.71
ББК65.262.10

# РАҚОБАТИ БОНКӢ: ТАЪРИХ, ТАҲАВВУЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР НИЗОМИ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳафизова Парвина Абдувоситовна****-муаллими калони кафедраи кори бонкӣ Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

# БАНКОВСКАЯ КОНКУРЕНЦИЯ: ИСТОРИЯ, ЭВОЛЮЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЁ РАЗВИТИЯ В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Хафизова Парвина Абдувоситовна*** *- старший преподаватель кафедры банковского дела Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики*

# BANKING COMPETITION: HISTORY, EVOLUTION AND PROSPECTS OF ITS DEVELOPMENT IN THE CREDIT SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Hafizova Parvina Abduvositovna*** *- Senior Lecturer, Department of Banking, Tajik State University of Law, Business and Politics*

***Калидвожаҳо:*** *бозорҳои молиявӣ, муносибатҳои рақобатӣ, низоми бонкӣ, рақобати бонкӣ, бозори сармояи қарзӣ, бозори хизматрасониҳои бонки, пардохтҳои ғайринақдӣ*

*Мақола дар мавзӯи таърих, таҳаввулоти мауносибатҳои рақобатӣ бонкӣ ва рушди он дар ҳамаи соҳаҳои низоми қарзӣ баҳс мекунад. Қайд карда мешавад, ки бонкҳо дар шароити муосир бояд рақобатпазир бошанд ва ба якҷоя кардани амалиётҳои алоҳидаи бонк кӯшиш карда ба мизоҷони худ ҳалли комплексиро пешниҳод намоянд, ки он имконияти ба назар гирифтани ҳамаи талаботҳои фардиро фароҳам меорад. Дар мақола ҳолати рақобат пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон дар соҳаи бонк ташаккул ва рушди назарраси он дар гардиши васеи ғайринақдӣ баррасӣ шудааст, инчунин мақсади асосии тараққиёти соҳаи бонкӣ баён карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *финансовые рынки, конкурентные отношения, банковская система, банковская конкуренция, рынок кредитного капитала, рынок банковских услуг, безналичные расчеты.*

*В статье рассматривается история, эволюция конкурентного банковского дела и его развитие во всех сферах кредитной системы. Отмечается, что в современных условиях банки должны быть конкурентоспособными и стараться совмещать отдельные операции банка и предлагать своим клиентам комплексное решение, позволяющее учитывать все индивидуальные требования. В статье рассматривается состояние конкуренции в банковском секторе после Первой мировой войны и ее значительное развитие в широком безналичном обращении, а также основные задачи развития банковского сектора.*

***Key words:*** *financial markets, competitive relations, banking system,banking competition, credit capital market, banking services market, non-cash payments.*

*The article examines the history, evolution of competitive banking and its development in all areas of the credit system. It is noted that in modern conditions banks should be competitive and try to combine individual bank operations and offer their customers a comprehensive solution that allows them to take into account all individual requirements. The article examines the state of competition in the banking sector after the First World War and its significant development in wide non-cash circulation, as well as the main tasks of the banking sector development.*

Яке аз омилҳои асосии баландбардории самаранокии бозорҳои молиявӣ ин рушди мауносибатҳои рақобатӣ дар ҳамаи соҳаҳои он ба шумор меравад. Зеро, зарурияти он ҳам бо афзоиши талабот ба олотҳои гуногуни молиявӣ дар бозори дохилӣ ва ҳам бо ҳамроҳшавии бозори Тоҷикистон ба системаи молиявии ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Дар чунин шароит зарур аст, ки устувории

молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъмин карда шуда, барои минбаъд ташаккул додани соҳаҳои истеҳсолӣ заминаҳо ташкил гарданд. Дар робита бо ин дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26-уми январи соли 2021 чунин омадааст: -"Бонки миллӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо дарназардошти таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ ба талабот мутобиқ сохта, раванди идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва тадриҷан афзоиш додани сармояи ойинномавии онҳоро таъмин намояд.

Дар ин раванд, бояд якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ оид ба беҳтар намудани сифати дороиҳои низоми бонкӣ, афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва фаъол намудани низоми рейтинги миллӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ширкатҳои суғурта тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои ба низоми бонкӣ ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор пурра ҷорӣ кардани амалиёти ғайринақдӣ, аз ҷумла ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд." [1.]

Бонкҳо дар шароити муосир бояд рақобатпазир бошанд ва ба якҷоя кардани амалиётҳои алоҳидаи бонк кӯшиш карда ба мизоҷони худ ҳалли комплексиро пешниҳод намоянд, ки он имконияти ба назар гирифтани ҳамаи спекторҳои талаботҳои фардиро медиҳад.

Баъзе аломатҳои рақобатро дар бонкҳои асрҳои миёна ва ҳатто дар шаклҳои қадимии ташкилотҳои қарзӣ мушоҳида кардан мумкин аст, аммо дар бораи рақобати воқеии бонкӣ то нимаи дуюми асри 19 қайд кардан ҷоиз набуд. Аз як тараф, ин ба сабабҳои иқтисодӣ вобаста буд: бонкҳо нисбатан кам буданд. Бозор пурра набуд ва дар ин шароит имконияти васеъ намудани тиҷорати худ бидуни дахолати манфиатҳои якдигар вуҷуд дошт [2.с24-26]

Аз тарафи дигар, рушд накардани рақобати бонкӣ бо этикаи махсуси соҳибкории бонкирон алоқаманд буда, тибқи он, кори бонкӣ ҳамчун чизе ба таври куллӣ ва аъло назар ба тиҷорати оддию савдои молҳо қабул карда мешуд. Ҳоло дар асри гузашта, дар доираҳои бонкии Британиё ҷалби муштариёни якдигар беинсофӣ ҳисобида мешуд, гузашта аз ин, дар сурати бо ташаббуси худ аз бонки дигар муроҷиат кардани мизоҷи он, бе музокироти пешакӣ бо он бонк ба мизоҷ суратҳисоб дар бонк кушода намешуд. Ва макони бонкҳои нав ё филиалҳои онҳо тавре интихоб карда мешуд, ки онҳо аз доираи бонкҳои мавҷуда берун бошанд. Аммо дар арсаи садсолаи ҳозира ҳолат тағйир ёфтааст барои бонкҳо марҳилаи рақобат ва мубориза ба мизоҷ оғоз гардид. Агар мизоҷон пештар худ ба бонк барои кушодани ҳисобҳо равад, ҳоло бошад бонкҳо худ хизматрасониҳояшонро ба мизоҷон пеш аз ҳама ба соҳибкорон пешниҳод менамоянд ҳатто ба хонаҳои мизоҷон мераванд барои пешниҳоди хизмат бо шартҳои фоиданок.

Дар асри XX фаъолияти бонкҳои Аврупо ду азнавсозии калонро аз сар гузаронид, ки онҳо ба ҳолати рақобатнокӣ низ таъсир расониданд. Пеш аз ҷанги якуми ҷаҳон асоси амалётҳои бонкҳои хусусии бузургро қарздиҳи ба соҳаи саноат ва кор бо қоғазҳои қимматнок ташкил медод. Корхонаҳои хурди саноатӣ ва хоҷагии кишоварзӣ асосан аз хизматрасониҳои муассисаҳои хурди қарзӣ истифода мебурданд. Кассаҳои амонатӣ танҳо бо амалиётҳои амонатӣ бо истифодаи пасандозҳои ҷалбшуда барои қарздиҳии дарозмуддат маҳдуд буданд. Пардохтҳои ғайринақдӣ ҳанӯз паҳн нашуда буданд. Ҳамин тариқ, ҳар як гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои афзалиятнок таъсири худро доштанд. Ва дахолат ба соҳаи ҳам дигар нисбатан кам буд, зеро бонкҳои калон, тавре ки аллакай қайд карда шуд, бо ҳам рақобат мекарданд ва онҳо ҳатто кассаҳои амонатиро рақиби ҷиддӣ намешумурданд.

Ҳолати рақобат пас аз Ҷанги Якуми Ҷаҳон дар соҳаи бонк ба таври назаррас тағир ёфт ва гардиши васеи ғайринақдӣ ба миён омад. Маҳз дар ин давра машинаҳои ҳисобборорӣ ба бонкҳои тиҷоратии Ғарб ворид шуданд ва пешбурди дафтарҳои ҳисобӣ аз ҷониби муштариён ҷорӣ карда шуд. Ба шарофати ин, бонкҳо тамоми доираи нави мизоҷонро фаро гирифтанд. Ин яке аз сабабҳои афзоиши консентратсия дар бахши бонкии иқтисодиёт буд. Шумораи зиёди бонкҳои хурди хусусӣ ва бонкҳои маҳалиро бонкҳои калон ба даст гирифтанд. Дар навбати худ, як қатор мутаҳидшавиҳо дар байни бонкҳои калон ба амал омаданд. Пас, агар дар соли 1920. дар Олмон даҳ бонки калон бо шабакаи васеи филиал мавҷуд буданд, пас дар соли 1933 - ҳамагӣ се бонки калон амал мекарданд. [2.с24]

Дуюмин таҷдиди сохтори бонкӣ дар ҷаҳон дар солҳои 1960, вақте сар шуд, ки воситаҳои амонатии аҳолӣ манбаи асосии захираҳои тамоми ташкилотҳои қарзӣ шуданд. Қабл аз он, бонкҳои калони тиҷоратӣ танҳо ба корхонаҳо ва ба шахсони сатҳи даромадашон баланди хизмат мерасонданд. Доираи васеи аҳолӣ аслан танҳо аз хизматрасониҳои кассаҳои амонатӣ истифода мебурданд. Вазъият

аз ҳисоби афзоиши даромади аҳолӣ, ки ба мизоҷони афзалиятноки бонкӣ ноил гардиданд, ба куллӣ тағир ёфт. Ба ин ҷорӣ намудани пардохти ғайринақдии музди меҳнат мусоидат намуд. Дар ин вазъият кассаҳои амонатӣ, ки бо мардум робитаи беҳтарин доштанд, аз ҳама бештар бурд карданд. Аммо, ба ғайр аз онҳо, бонкҳои калон мехостанд барои аҳолӣ суратҳисобҳо кушода бо ин мизоҷони иловагиро ба худ ҷалб созанд. Пас аз ин қадами аввал, табдил додани миллионҳо дорандагони суратҳисобро ба мизоҷони воқеии бонк муҳим шуд. Ин тавассути ба онҳо дар азхудкунии шаклҳои пардохтҳои ғайринақдӣ кӯмак намудан, ва пеш аз ҳама тавассути васеъ кардани доираи қарзҳои истеъмолӣ ба даст оварда шуд. Баъдтар, бо мақсади ҷалб ва нигоҳ доштани мизоҷони хусусӣ нақшаҳои гуногуни пасандоз ҷорӣ карда шуданд. Ғайр аз он, бонкҳои тиҷоратӣ ва гурӯҳҳои бонкӣ ба таъсиси ширкатҳои инвеститсионӣ шурӯъ карданд, ки ин имкон дод, ки ҳатто бо миқдори ками пасандоз, онҳоро дар коғазҳои қиматнок сармоягузорӣ кунанд. Дар асл, бонкҳо бори аввал ба маркетинг ба таври ҷиддӣ машғул шуданд.

Дар солҳои 60-ум раванди дигаре оғоз ёфт, ки ба шиддат гирифтани вазъи рақобат дар бозорҳои бонкии ҷаҳон таъсири назаррас гузошт. Ин раванди либерализатсияи танзими давлатии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Соли 1980 бо шиддатёбии минбаъдаи рақобат хос буд. [4, с.11] Аз ин рӯ бозорҳои дохилии фурӯши хизматрасониҳои бонкӣ, моҳиятан коҳиш ёфтанд дар натиҷаи суст шудани рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва зиёд шудани хавфҳои қарзӣ. Дар ин шароит, бонкҳо ба бозорҳои нави фурӯш таваҷҷӯҳ зоҳир карданд.

Дар мафҳуми умум, рақобатро ҳамчун рақобати субъектҳои бозор, ки ба ноил шудан ба ҳамин ҳадаф манфиатдоранд, муайян кардан мумкин аст. Ин субъектҳои бозор ё фурӯшанда ё харидор мебошанд.

Хусусиятҳои хоси рақобат чунинанд:

-мавҷудияти бозорҳо бо интихоби алтернативӣ барои харидорон (фурӯшандагон);

-мавҷудияти шумораи кам ё камтар харидорон (фурӯшандагон), ки бо ҳам рақобат мекунанд ва бо истифода аз василаҳои гуногуни сиёсати бозорӣ;

-ивазкунии байни ин воситаҳо аз ҷониби баъзе рақибон ва чораҳои зидди рақибони дигар.

Ба ҳамин монанд, рақобати бонкӣ як раванди рақобатпазир байни бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки онҳо дар тӯли он мавқеи устуворро дар бозори маҳсулотҳои ва хизматрасониҳои бонкӣ таъмин кардан мехоҳанд. Соҳаи рақобати бонкӣ бозори бонкӣ мебошад. Хусусияти бозори бонкӣ аз форматсияи мураккаб бо ҳудуди хеле васеъ ва аз бисёр унсурҳо иборат аст. На дар бораи як, балки дар бораи бисёре аз бозорҳои бонкӣ сухан рондан дурусттар аст.[6,с.159].

Бонкҳои муосири тиҷоратӣ амалан дар ҳама бахшҳои бозор ҳамчун фурӯшанда ё харидор фаъолият мекунанд. Агар низоми бозорро аз нигоҳи объектҳои хариду фурӯш баррасӣ кунем, гуфта метавонем, ки он соҳаҳои зеринро дар бар мегирад:

-Бозори воситаҳои истеҳсолот ва хизматрасонии истеҳсолӣ. Дар он бонкҳои тиҷоратӣ дар нақши фурӯшандагони хизматрасониҳои бонкӣ барои корхонаҳо (хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунӣ, кушодани суратҳисобҳо, идоракунии молияи корпоративӣ), миёнаравони молиявӣ ва инчунин дар нақши харидорони захираҳои истеҳсолӣ баромад мекунанд.

-Бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонии онҳо. Дар ин ҷо бонкҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ, вале баъзан ҳамчун харидор низ баромад мекунанд.

-Бозори меҳнат. Ин самти ҳадафи сиёсати кадрии бонкҳо мебошад, ки бояд кадрҳои худро ҳар сари чанд вақт нав ва ё пурра кунанд ва ба бозор ба сифати харидор ворид мешаванд.

-Бозори маҳсулоти зеҳнӣ - иттилоотӣ. Дар он бонкҳо метавонанд чун фурӯшандаҳои хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳам ҳамчун харидорони захираҳои истеҳсолӣ баромад кунанд.

-Бозори амволи ғайриманқул. Дар ин ҷо бонкҳо аксар вақт ҳамчун миёнарави молиявӣ ва танҳо нисбатан кам ҳамчун харидор (хариди замин ва утоқи корӣ) ё фурӯшанда (фурӯши гарав бо қарзи ипотекаи пардохтнашуда) баромад мекунанд.

-Бозорҳои молиявӣ. Дар ин соҳа бонкҳо яке аз фаъолони асосӣ мебошанд. Онҳо ҷудо мешаванд ба:

*бозори сармояи қарзӣ*. Аз як тараф, бонкҳо ҳуқуқи муваққатн истифодабарии захираҳои пулиро аз амонатгузорони худ мехаранд, аз тарафи дигар, ҳангоми додани қарз ҳамчун фурӯшанда баромад мекунанд;

*бозори қоғазҳои қимматнок*. Иҷрои фармоишҳои мизоҷон, аз тарафи худи бонкҳо хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро ба амал меоранд ва бо ин нақши ҳам фурӯшанда ва ҳам харидорро иҷро мекунанд;

-*бозори асъорҳо ва металлҳои қиматбаҳо*. [6, с.4]

Мақсади асосии тараққиёти соҳаи бонкиро чунин баён кардан мумкин:

. пурзӯр намудани устувории соҳаи бонки барои аз эътибор дур кардани имкониятҳои паёдоиши бӯҳронҳои бонки;

. Баланд бардоштани сифати вазифаҳои бахши бонкӣ оид ба ҷамъоварии маблағ аз аҳолӣ, корхонаҳо ва онҳоро ба манбаи қарз ва сармоягузорӣ табдил додан;

. мустаҳкам намудани боварӣ ба бахши бонкии Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорон, қарзгирандагон ва амонатгузорон, пеш аз ҳама аҳолӣ;

. Пурзӯр намудани ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон ва дигар қарзгирандагон бонкҳо;

. Пешгирии истифодабарии ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти ноодилонаи тиҷоратӣ.

Дар хотима бояд қайд кард, ки ташкили шароит барои тараққиёти рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонки яке аз омилҳои асосии самаранок амалигардии шартҳои ягонаи иқтисодиёт ва озод ҷойгир намудани хизматрасониҳои молиявӣ мебошад. Рақобат фаъолияти пурмаҳсулро дар бозор бедор месозад ва водор месозад, ки ба мизоҷ номгуи зиёди маҳсулот ва хизматрасониро бо арзиши ҷолиб ва сифати баланд пешниҳод намояд ва дар навбати худ ба самаранокии истеҳсолот ва азнавтақсимкунии захираҳои иқтисоди мусоидат намояд. Рақобат ин механизми хеле мусоид дар танзими унсури таносубҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Вазъи кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ ва дохилӣ ба рақобат дар тамоми соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла бонкдорӣ, таъсир назаррас мерасонад. Аз ин лиҳоз гузаронидани таҳқиқотҳо оид ба вазъи рақобат дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муфид аст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Рахмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26.01.2021с.
2. Батракова Л.Г. Анализ процентной политики коммерческого банка. Учебное пособие. - М.: Логос, 2010.-364с.
3. Аганбегян А.Г. Еще раз о новой роли банков в современных условиях // Деньги и кредит. - 2011. - №1.-С.3-8.
4. Белоглазова Г.Н., Кроливецкая Л.П. Банковское дело. Организация деятельности коммерческого банка: Учебник. - М.: ИД Юрайт, Юрайт, 2011.-392с.
5. Гаджиев А.А., Бамматказиева Ф.А., Рахманова Ф.А. Банковский сектор и реальная экономика //Финансы и кредит.- 2012. - №7.-С.24
6. Гусева К.Н. Роль банковского кредита в модернизации производственных фондов / К. Н. Гусева // Банковское дело. - 2012. - № 7. - С. 95-97.
7. Зражевский В.В. О стабильности банковской системы //Деньги и кредит. - 2013. - №2.-С.46.

LITERATURE

1. Message of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan dated 26.01.2021.
2. Batrakova L.G. Analysis of the interest rate policy of a commercial bank. Tutorial. - M .: Logos, 2010.-364p.
3. Aganbegyan A.G. Once again about the new role of banks in modern conditions // Money and credit. - 2011. - No. 1.-P.3-8.
4. Beloglazova G.N., Krolivetskaya L.P. Banking. Organization of commercial bank activities: Textbook. - M .: ID Yurayt, Yurayt, 2011.-392p.
5. Gadzhiev A.A., Bammatkazieva F.A., Rakhmanova F.A. Banking sector and real economy // Finance and credit. - 2012. - №7.-P.24
6. Guseva K.N. The role of bank credit in the modernization of production assets / KN Guseva // Banking. - 2012. - No. 7. - P. 95-97.
7. Zrazhevsky V.V. On the stability of the banking system // Money and credit. - 2013. - No. 2.-P.46.